Албатта, Аллоҳ Таъоло аз уммати ман дар бораи он чи дар дилҳои худ бо худ мегӯянд, гузашт кардааст, то вақте ки ба он амал накунанд ё онро ба забон наёваранд

Аз Абуҳурайра (разияллоҳу анҳу) ривоят аст, ки Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) фармуданд: "Албатта, Аллоҳ Таъоло аз уммати ман дар бораи он чи дар дилҳои худ бо худ мегӯянд, гузашт кардааст, то вақте ки ба он амал накунанд ё онро ба забон наёваранд."

[Саҳеҳ] [متفق عليه]

Паёмбари Худо (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) хабар медиҳанд, ки мусалмон ба хотири фикрҳои бад ё васвасаҳое, ки танҳо дар дили ӯ мегузаранд, то вақте ки ба онҳо амал накунад ё ба забон наёрад, муҷозот намешавад. Зеро Худованд гуноҳи онро нодида гирифта ва аз он гузашт намудааст. Худованд бар уммати Паёмбар раҳмат кардааст ва онҳоро танҳо ба хаёл ё фикри дар дилбуда муҷозот намекунад, магар он ки ин фикр дар дил ҷой гирад ва устувор шавад, мисли кибр, риё, нифоқ, ё ин ки онро бо аъзои худ амалӣ кунад, ё ба сухан табдил ёбад. Пас дар ин сурат ӯ муҷозот мешавад.

http://www.sunnah.global/hadeeth/tg/show/58144